**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзӯи "Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод гардидааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссртатсия**

Дар таърихномаи ҳар миллат саҳифаҳои сабакомӯз ва пурарзише ҳастанд, ки аз икдоми нек ва хирадмандонаи ба нафъи халку Ватан равоншуда башорат медиҳад ва барои наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд. Чунин саҳифаҳои сабакомӯз барои тоҷикистониён солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон мебошанд.

"Баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ, - қайд менамоянд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асари мудохилаи ошкор аз хориҷи кишвар, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа сурат гирифт, ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ гирифтор шуда, ин раванд ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ оварда расонид...

Роҳи пурпечутоби сулҳи тоҷикон ва эҳёи баъдиҷангии Тоҷикистон таърихи тӯлонӣ дорад, вале мехостам фақат ҳаминро таъкид намоям, ки сулҳи тоҷикон, пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати самимонаи фарзандони баномуси халқи тоҷик ва пирӯзии хиради мардуми шарифи Тоҷикистон бар ҷаҳолат буд. Ҷойи ифтихор аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби нодири сулҳофарӣ ва ҳалли низоъҳо эътироф намуда, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст".

Дар ин ҷода диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин "Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)", аҳамияти калони илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва тарбиявӣ дорад.

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, кайд менамояд, ки дар раванди таъмини сулҳу субот ва хотима бахшидан ба ҷанги шахрвандӣ як қатор созмонҳои бонуфузи минтақавию байналхалкӣ ва инчунин як гурӯҳ давлатҳои кафили минтақа низ фаъолона ширкат варзиданд. Дар ин самт бахусус Созмони Милали Муттаҳид, Россия ва давлатҳои собик Иттиҳоди Шуравиро ёдрас шудан ба маврид аст. Чунки онҳо низ аз сулҳи тоҷикон манфиатдор буданд ва намехостанд, ки вазъият дар Осиёи Марказӣ муташанниҷ гардад. Бо назардошти ин, раванди омӯзиши сулҳи тоҷикон имкон медиҳад, ки давлатҳои аз сулҳи тоҷикон ва ҷанги шаҳвандии Тоҷикистон манфиатдор муайян карда шаванд. Зеро дар баробари нерӯҳои сулҳофар, ки барои таъмини сулҳу субот кӯшиш меварзиданд, инчунин таҳлилгарони бесуботӣ низ ҳамчун омили муҳимми ҷанги шаҳвандӣ аз мавҷудияти худ дарак медоданд. Бинобар ин, дар шароити муосир ҳамаҷониба таҳлил намудани заминаҳо ва сабабҳои ин ҷанг, инчунин ошкор намудани монеаҳои раванди сулҳофарӣ барои ҷомеаи тоҷик хеле муҳим мебошанд. Аз ин рӯ таҳқики масоили гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди оштии миллии тоҷикон, натанҳо аҳаммияти таърихӣ, балки зарурияти таҳлилу таҳқики илмию амалӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи мазкур ҷиҳати таърихнигории таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб мeёбад.

Дар диссертатсия манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиклол ҷамъбаст гардида, ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шудаанд.

Инчунин заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳвандӣ, натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таҳқиқ карда шудааст.

**Асоснок ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муҳосибаи муаллиф бо муаррихону ҷомеашиносон ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**

Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро зимни таълифи асарҳои дастаҷамъона бахшида ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, курсҳои махсуси фанҳои "Таърихи муосири халқи тоҷик", "Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол", "Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони муосир" истифода бурда шавад. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии мактабҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон иборат аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин "Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)", ба бандҳои 1,2,6 шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат менамояд.

**Мазмуни мухтасари диссертатсия**

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети тадқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – "Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ" ба масъалаҳои раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ, инъикоси ҷанги шаҳвандӣ дар таърихнигории ватанӣ, ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ бахшида шудааст.

Муаллиф зербоби "Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон, заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигорӣ"-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои бешумор ва мақсаду мароми онҳо, нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар характер ва махсусиятҳои рақобатҳои байниҳизбӣ ва муборизаи онҳо баҳри ба даст даровардани ҳокимият аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла Ҳ.Пирумшоев, Д.Назриев ва И. Сатторов, И. Усмонов, А. Холиқзода, Ғ. Ғоибов, Ҷ. Ниёзов, Н.Б. Ҳотамов, Р.Набиева, Н.Ҳакимов, Н.Давлатбеков, Б.Шокиров, Ш.Д. Шабдолов, М.Диноршоев, И.Қаландаров ва Т.Каримов, А.Достиев, Ғ.Ҳайдаров, Ш.М. Султонов, инчунин асарҳои бунёдии "История таджикского народа", "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол" ва "Бунёди давлатдории навин" хеле амиқ инъикос гардидаанд.

Шиносой бо диссертатсия аз он шаҳодат медиҳад, ки фароҳам омадани фазои озодии сухан ва матбуот, инкишофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дар заминаи онҳоба вуҷуд омадани ҳизбу созмонҳо-нерӯҳои расмӣ ва ғайрирасмии Тоҷикистон: Ҳаракати мардумии “Растохез”, Ҳизби демократи Тоҷикистон, “Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон” ба вазъи сиёсии Тоҷикистон бетаъсир намонданд. Ҳизбу ҳаракатҳо вазъи бӯҳронии оммавиро дар ҷумҳурӣ аз ноуҳдабароии Ҳизби коммунист ва роҳбарони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста, бо ҳар баҳона ба хотири ба даст овардани ҳокимият, ба фишороварии Ҳизби коммунист ва роҳбарияти ҷумҳурӣ даст заданд, ки барои ба вуҷуд омадани қувваҳои мухолифи худ дар оянда замина гузоштанд.

Унвонҷӯ дар зербоби дуюми боби якум “Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ” таъкид менамояд, ки бо фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ марҳалаи нави таърихии рушд оғоз мегардад. Маҳз дар ҳамин давра равандҳои демократикунонии ҷомеа, ислоҳоти иқтисодӣ, таҳаввули арзишҳои идеологӣ ва фарҳангӣ амалӣ гардиданд. Давраи соҳибистиқлолӣ ба муқовимати сиёсӣ оғоз ёфт, ки ин раванд тадриҷан ба муқовимати мусаллаҳона мубаддал гардид.

Боиси зикр аст, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо, рафт ва оқибатҳои он дар асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон амиқу возеҳ инъикос гардидаанд.

Дар диссертатсия ёддоштҳои шоҳидони воқеаҳо А.Соҳибназаров, С.Кенҷаев, Н.Дӯстов, Б.Каримов, Ҳ.Насриддинов, М. Амиршо, С.А.Нурӣ, О.Панфилов, Ҳ. Тураҷонзода ва дигарон мавриди мавриди таҳлил қарор дода шуданд, ки онҳо ба воқеаҳои солҳои аввали даврони истиқлол, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, таҳозуроти сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд. Муаллиф барҳақ қайд менамояд, ки муаллифони ин рисолаҳо аз бисёр

ҷихат аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Унвонҷӯ зербоби мазкурро ҷамъбаст намуда, изҳор менамояд, ки аксари муҳаққиқони таърихи навини тоҷикон аз ҷумла Ғ.Ҳайдаров, И.Усмонов, Р.Абулҳаев, Ғ.Ғоибов, А.Ғафуров ва дигарон дар мавриди муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ду омилро ҷудо кардаанд: омили берунӣ ва дохилӣ. Ба ақидаи онҳо омили дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тезу тунд шудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, қабл аз ҳама афзоиши аҳолӣ дар шароити норасоии замин, афзалият доштани кишти пахта, рушди нобаробари минтақаҳо, роҳандозии сиёсати ғалати кадрӣ, ки манфиати намояндагони баъзе минтақаҳоро нодида мегирифт ва боиси вусъат пайдо кардани падидаи номатлуби маҳалгароӣ гардида буд, маҳсуб меёбад. Муҳаққиқони мазкур қазияи Афғонистонро яке аз омилҳои берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ медонанд.

Дар диссертатсия зербоби алоҳида масъалаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷиро дарбар мегирад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба тадқиқотҳои муҳаққиқони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва тадқиқоти муҳаққиқон ва таҳлилгарони хориҷи дур такя намуда, моҳияти масъаларо кушода диҳад.

Хулосаи унвонҷӯ дар бораи он, ки сарчашмаҳои ба мавзӯъ марбутбуда, имкон медиҳанд ба хулосае биёем, ки нисбат ба масъалаи равандҳои сиёсиии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони кишварҳои минтақа ва кишварҳои узви ИДМ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гаштааст ва гумон меравад, ки онҳо дар оянда низ ин масъаларо пайгирӣ намуда, равандҳои сиёсии Осиёи Марказиро ҳамаҷониба таҳлил менамоянд ва дурнамои ин равандҳоро баррасӣ хоҳанд кард, боиси дастгирист.

Боби дуюми диссертатсия – “Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ” аз зербобҳои “Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”, “Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва таҳқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”, “Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат” иборат аст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994-1997 яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Миёни ҳукумати расмии Тоҷикистон ва иттиҳоди мухолифин 8 даври мулоқот ва якчанд вохӯрӣ дар сатҳи олӣ – миёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари иттиҳоди мухолифин С.А. Нурӣ баргузор шуданд. Гуфтушунидҳои миёни тоҷикон, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва давлатҳои кафили минтақа дар тӯли солҳои 1994-1997 сурат гирифта будаанд, натиҷаи дилхоҳ ба бор оварданд. 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Унвонҷӯ мавзуоти мухталифи масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода ба асарҳои маҷмӯӣ ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи оштии миллӣ С. А. Нурӣ, асари бунёдии “История таджикского народа, асарҳои дастаҷамъии “Бунёди давлатдории навин”, “Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол” таваҷҷӯҳи махсус додааст.

Ҳамзамон дар диссертатсия асарҳои И.Усмонов “Роҳи сулҳ”, Тоштемиров М. ва Саидов З. “Дорогой мира и согласия”, Н.Салимов “Фалсафаи давлати миллӣ”, С.Фаттоев “Социально – политические конфликты в современном обществе (Опыт Таджикистана)”, ки ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX Тоҷикистонро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, саҳми созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ – СММ, САҲА ва

кишварҳои кафили минтақаро дар танзими мунокишаи байни тоҷикон нишон додаанд, инъикос ёфтаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – “Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва тадқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ” масъалаҳои инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст.

Дар рисола зикр гардидааст, ки новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди муҳаққикон ба мавзӯи мазкур, дар инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ масъалаҳои ҷиддии ҳалталаб мавҷуданд. Яке аз чунин масъалаҳо то кунун ба гардиши илмӣ ворид нагардидани ҳуҷҷатҳои зиёд аз бойгонии Комиссияи оштии миллӣ маҳсуб мeёбад.

Диссертатсия бо зербоби “Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат” анҷом мeёбад.

Зимни баррасии масъалаҳои мазкур диссертант қайд менамояд, ки бозтоби илмии лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози таърихи тоҷикон дар асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати тоҷикон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҷассуми равшан дорад. Арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама, аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки он паҳлуҳои худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудааст. Нуктаи дигаре, ки арзиши илмии онҳоро меафзояд, инъикоси воқеии ҳодисоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди сулҳи тоҷикон ва наҷоти ватану миллат аз парокандагӣ мебошад.

Муаллиф тибқи маълумотҳои амиқ инъикос менамояд, ки таърихи пурпечутобу фоҷиабори солҳои 90-уми асри XX, аз ҷумла таҳаввулоти сиёсӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, ба даст омадани истиқлоли давлатӣ, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтушуниди миёни тоҷикон ва

истикрори сулҳу ваҳдат дар меҳвари таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дошта, дар асару суханрониҳои ӯ таҳлил гардидаанд.

Ҳамчунин, арзиши илмии асарҳои Пешвои миллатро баррасии сабақҳои таърихии тоҷикон ташкил медиҳад, ки он барои ташаккули минбаъдаи тоҷикон ва эҳёи суннатҳои давлатдории миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо итминони комил метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин ба марҳалаи муҳими таърихнигории таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа тазаккур дод, ки вай фазои холии дар таърихи Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд баён намоям:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, дар автореферати диссертатсия номгӯи асарҳои муҳаққиқони хориҷи дур инъикос карда шавад.
2. Дар баркарор кардани сохти конститутсионӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдати тоҷикон саҳми ҷавонон хеле назаррас буд. Аммо дар диссертатсия асарҳои ба масъалаи мазкур бахшидашуда мавриди таҳлил қарор наёфтааст.
3. Дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Аммо ин эродҳо характери принсипиалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва корҳои нашргардидаи унвонҷӯ мақоми диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**

Таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддини Абдулмумин “Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)”

ба талаботи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Асомиддини Абдулмумин “Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)” аз рӯи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

**Муқарризи расмӣ, доктори**
**илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии**
**Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров** — **Набизода Ваҳҳоб Машраб**

**Имзои профессор В.М. Набизодаро**
**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров** — **Ҳусейнова З.С.**

07.06.24

**Маълумот барои тамос: 735700 ш. Хуҷанд, гузаргоҳи**
**Мавлонбеков, 1 ДДХ ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров**
**Тел.:(+992)92-803-00-01**
**E-mail: v.m.nabiev@mail.ru**